**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Оев Анис Давлатович дар мавзуи “Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз.**

Субъекти иқтисодӣ фаъолияти худро дар шароити муосир бидуни муносибатҳои қарзӣ ба роҳ монда наметавонад. Ин муносибат аст, ки имрӯзҳо ниҳодҳои молиявӣ онро ҳамчун маҳаки самараноки самти даромадноки фаъолияти хеш қарор медиҳанд ва бо ин васила такрористеҳсолиро дар иқтисоди миллӣ таъмин намуда, қисми асосӣ ё пойдевори низоми молиявии мамлакатро устувор нигоҳ медоранд. Бояд зикр намуд, ки дар низоми молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯзҳо бахши бонкӣ ҷойгоҳи хосаро касб менамояд ва дар амалигардии сиёсати молиявию қарзии кишвар нақши арзандаи худро мегузорад. Аз ин лиҳоз, маблағгузории низоми бонкии кишвар ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт ва нақшу аҳамияти он дар татбиқгардии ҳадафҳои миллӣ ниҳоят мубрам маҳсуб меёбад, ки дар ин замина масъалаи такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ҳадафи асосӣ дар таъмини суботи низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад.

Оев Анис Давлатович баъди хатми мактаби миёна соли 2013 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, факултети баҳисобгирию иқтисодӣ, ихтисоси баҳисобгирии бухгалтерӣ, таҳлил ва аудит дохил шуда, соли 2018 донишгоҳи номбурдаро бо муваффақият хатм кардааст. Аз моҳи марти соли 2019 ба ҳайси таҷрибаомӯз-муттахассиси тиҷорати чакана ва баъдан аз моҳи май мутахассиси тиҷорати чакана дар ҶСП ТАҚХ “Имон Интернешнл” фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2019 фаъолияти меҳнатии худро ба ҳайси ассистенти кафедраи аудит ва ревизияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон идома дода, то ба имрӯз дар ин вазифа кор ва фаъолият менамояд.

Солҳои 2019-2022 ҳамчун унвонҷӯи кафедраи таҳлили иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон таҳсил намудааст. Аз рӯзҳои аввали таҳсилаш то ин ҷониб Оев А.Д. фаъолона ба кори илмию тадқиқотӣ дода шуда, аз рӯи мавзуи рисолаи илмии худ дар кори конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ иштироки фаъолона дошта, вобаста ба натиҷаҳои

таҳқиқоти гузаронидаи худ мақолаҳои илмиро омода ва дар маҷалаҳои тақризшаванда нашр кардааст. Ҳамчунин, зимни фаъолият сазовори боварӣ ва эҳтироми ҳайати кормандон гардида, муаллифи чандин воситаи таълимӣ мебошад. Дар давоми фаъолият як қатор вазифаҳои ҷамъиятиро софдилона иҷро намуда, шахси масъулиятшинос мебошад ва бо назардошти чунин натиҷаҳои назарраси меҳнатӣ бо як қатор ифтихорнома ва сипосномаҳои соҳавӣ сарфароз гардонида шудааст.

Уновонҷӯй ҳангоми иҷрои кори илмии худ дараҷаи баланди мустақилиятро дар омӯзиш, ҷамъоварӣ, интихоб ва таҳқиқи асарҳои муҳаққиқоне, ки доир ба ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии мукаммалгардонии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ корҳои илмӣ бурдаанд, нишон дод. Ӯ дар таҳқиқоти худ натиҷаҳои илмии бадастовардаашро ҳамаҷониба таҳлил намуда, шарҳ додааст.

Рисолаи диссертатсионии анҷомдодаи Оев А.Д. дорои сохтор ва мантиқи хос буда, аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёт ва замимаҳо иборат мебошад.

Дар муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок карда шуда, дараҷаи таҳқиқи он арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии он муайян карда шудаанд.

Дар боби аввал - “Асосҳои назариявию методии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ” баҳодиҳии хавфи қарзӣ вобаста ба донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии ҷойдоштаи дохиливу хориҷӣ, инчунин заминаҳои консептуалии омӯзиш ва баҳодиҳӣ дар самти хавфҳои қарзӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва барои пешбурди таҳқиқот асосҳои методии таҳлил, баҳодиҳӣ ва идоракунии хавфҳои қарзӣ бунёд карда шудааст.

Дар боби дуюм - “Таҳлил ва баҳодиҳии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” таҳлили мушаххаси хавфҳои қарзии низоми бонкии мамлакат гузаронида шуда, дар қисмати аввали матни диссертатсия ҳолати муосири низоми бонкӣ мавриди таҳлил ва баҳодиҳӣ қарор гирифтааст. Баъдан, сифати сандуқи қарзӣ ҳамчун унсури таркибии арзёбии хавфҳои қарзӣ

таҳқиқ гардидааст. Дар рафти таҳқиқот манбаъҳои иттилоотии таҳлилӣ ба низоми муайян дароварда шуда, дар асоси онҳо таҳлилу баҳодиҳии хавфҳои қарзии ташкилотҳои қарзӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар боби сеюм - "Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ҷиҳати такмили заминаҳои методологии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ равишҳои меъёрӣ ва методии он мавриди таҳлил қарор гирифтаанд ва дар натиҷа пешниҳодҳои илмӣ таҳия гардидаанд.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқот оварда шудаанд, ки онҳо асоснок буда барои истифодаи амалӣ мутобиқ карда шудаанд.

Натиҷаҳо ва муқарраротҳои илмии таҳқиқот дорои эътимоднокии баланд буда, дар сатҳи зарурӣ асоснок ва муаррифӣ карда шудааст. Муҳтавои асосии таҳқиқоти анҷомшуда дар маҷалаҳои илмӣ ва маводҳои конференсияҳо чоп шуда, дар онҳо натиҷаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ асоснок ва пешниҳод карда шудаанд.

Дар умум, рисолаи диссертатсионии Оев А.Д. дар мавзуи "Такмили низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ дар ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод шудааст, ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 ва тағйиру иловаҳои ба он воридгардида тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, таҳти №295 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯй буда, барои гузаштани марҳилаи ташхис ва ҳимояи ошкоро аз рӯйи ихтисоси 08.00.07. – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,**
**ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Хушвахтзода Қ.Х.**

Имзои профессор Қ.Х. Хушвахтзодаро
тасдиқ мекунам.
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

"25" 09 с.2023